ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

735320 Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ Тел.+(992) 833122-28-06 Моб.8331222826. E-mail: dddangara2013@mail.ru

№______ аз «___»_________20___с.

«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара доктори илмҳои иқтисодӣ
__________Хайрзода Ш.Қ.
«____»_______________соли 2023

# ТАҚРИЗИ

муассисаи муқарризи диссертатсияи Моҳираи Раҳмон дар мавзӯи «Асосҳои методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ) (таҳсилоти миёнаи умумӣ)

Мубрамияти масъалаи таҳқиқшаванда дар асоси он муайян карда мешавад, дар ҳаёти рӯзмарраи инсон масоиле пеш меоянд, ки на як роҳи ҳал, балки вариантҳои гуногуни ҳал доранд. Барои он, ки ҳалли беҳтарин интихоб карда шавад, зарур аст, ки ҳамаи онҳоро мавриди таҳқиқ қарор диҳем, ё ақаллан миқдори ҳалҳо ҳисоб карда шаванд.

Масъалаҳои марбут бо комбинатсияи объектҳо масъалаҳои комбинаторӣ номида мешаванд. Комбинаторика яке аз соҳаҳои қадимтарини математика ба шумор меравад, ки олимон онро дар давоми қарнҳо тадқиқ мекунанд.

Солҳои охир комбинаторика вобаста ба зарурати ҳалли масоили математикаи дискретӣ инкишофи назаррас пайдо кардааст.

Усулҳои комбинаторӣ барои ҳалли масъалаҳои нақлиёт, тартиб додани ҷадвали ҳаракати нақлиёт, ҳамчунин таҳияи нақшаҳои истеҳсолӣ ва иҷрои дигар вазифаҳо истифода бурда мешаванд. Масалан, ин усул ба

конструктор (таррох) ҳангоми ихтирои модели нави механизмҳо, ба агроном ҳангоми ба нақшагирии миқдори кишти зироатҳои ғалладона дар якчанд ноҳияҳои кишоварзӣ, ба химик ҳангоми омӯзиши сохти молекулаҳои органикӣ ва таркиби атомӣ лозим аст. Яъне, усулҳои комбинаторика дар ҳалли масъалаҳои бағоят муҳимми илмӣ-назариявӣ истифода мешаванд. Аз ҷумла, комбинаторика бо масъалаҳои илмии барномасозии хаттӣ робитаи зич дорад.

Яке аз масъалаҳои таълими математика дар муассисаи таҳсилоти миёна инкишоф додани маҳорати ҳалли масъалаҳои комбинаторӣ дар иртибот бо алоқаи мутақобилаи онҳо бо фаъолияти рӯзмарра мебошад. Интихоби объектҳо ва ҷо ба ҷо кардани онҳо бо ин ё он тарз амалан дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсонӣ дучор меояд.

Аз ин нуқтаи назар, элементҳои комбинаторика дар таълимии математикӣ дар муассисаҳои миёна масъалаи методии ҳалталаб ва аз диди фаъолияти ояндаи касбии хонандагон мубрам ва замонавӣ мебошад.

Ҳадафи асосии таҳқиқоти диссертатсионии Моҳираи Раҳмон аз методикаи амалигардонии таълимӣ масъалаҳои комбинаторӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна иборат мебошад, ки бевосита ба масъалаи муносибати босалоҳият ба таълим алоқа дошта, аз мубрамияти мавзӯи таҳқиқот шаҳодат медиҳад. Натиҷаҳои диссертатсияро дар рушди тафаккури физика-математика ва техникии ҷавонон, ки солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон гардидааст, босамар истифода бурдан мумкин аст.

***Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсионӣ***:

- модели назариявии стандарт, барнома, нақшаи таълимӣ дар асоси муносибати босалоҳият тартиб дода шуд;
- методикаи омӯзиши элементҳои комбинаторика дар асоси муносибати босалоҳият дар таълими математикаи мактабӣ коркард ва пешниҳод карда шуд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот:

- асосҳои назариявию методологии омӯзиши элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуд;
- маводи назариявии омӯзишӣ барои хонандагон коркард ва пешниҳод гардид;

***Аҳамияти назарии таҳқиқот.***

Сохтори модели методии стандарт, барнома ва нақшаи таълимии элементҳои комбинаторика дар асоси муносибати босалоҳият пешниҳод карда шуд.

Тибқи стандарт маҷмӯи салоҳиятҳои хонандагон доир ба элементҳои комбинаторика муайян карда шуданд.

Тибқи барномаи пешниҳодгашта намунаи дарсҳо, ки ба муносибати босалоҳият асос ёфтаанд, барои омӯзгорон пешкаш карда шуд.

Дар раванди дарсҳо аз масъалаҳои ҳаётӣ васеъ истифода буда шуд, ки боиси ташаккулёбии дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон доир ба элементҳои комбинаторика мебошанд.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки асосҳои назариявӣ, барномаи омӯзишӣ, коркарди методӣ ва натиҷаҳои онро омӯзгорони фанни математика дар раванди дарс истифода бурда метавонанд. Маводи илмӣ-методии таҳқиқотро ҳангоми тайёрии касбӣ-методии омӯзгорони ояндаи математика дар муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ, дар донишкадаҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода бурдан мумкин аст.

***Нуқтаҳои ҳимояшавандаи диссертатсия:***

– асосҳои назариявии элементҳои комбинаторика ва мавқеи онҳо дар ташакккули донишадӯзии хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;
– модели стандарти таҳсилоти математикӣ, барнома ва дар ин асос муайян кардани маҷмӯи салоҳиятҳое, ки хонандагон бояд азхуд намоянд;
– методикаи амалигардонии омӯзиши элементҳои комбинаторика дар асоси муносибати босалоҳият дар таълими математика;
– маҷмӯъи шароитҳои ташкилию педагогӣ, ки фаъолнокии фаъолияти хонандагонро таъмин менамоянд.

***Саҳми шахсии довталаб*** дар коркарди мустақилони мавқеи назариявии омӯзиши элементҳои комбинаторика, коркарди методии таълими элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва истифодаи онҳо дар амалия, дар сохтордиҳии стандарт, барнома ва озмоиши педагогӣ, коркарди нишондодҳои методӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда арзёбӣ мешаванд.

Таъйиди диссертатсия ва иттилоот оид ба истифодаи натиҷаҳои он. Муаллифи рисола доир ба масъалаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқ дар кафедраи методикаи таълими математика ва технологияҳои ҳисоббарорӣ Донишгоҳои давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (солҳои 2015-2019), кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (солҳои 2016 ва 2018), конференсияҳои ҷумҳурияви илмӣ-амалии таҳти унвони «Муаммо ва дурнамои ташаккули салоҳияти касбӣ – педагогии омӯзгорони оянда», бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», истиқболи 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (соли 2019), конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии таҳти унвони «Ҳамкории иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон: таърих ва замони муосир» (соли 2019) бо маърӯзаҳо баромад кардааст.

***Интишори натиҷаҳои диссертатсия***. Натиҷаҳои таҳқиқотӣ дар 30 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6-тояшро мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида ва 24-тои боқимондаашро мақолаҳои дар дигар нашрияҳо ба чоп расида ва маводҳои конференсияҳои илмӣ-амалӣ ташкил додаанд.

***Сохтори ва ҳаҷми диссертатсия.*** Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии кор», ду боб, бахши «Хулосаҳо» бо

зербахшҳои «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия» ва «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», бахши «Охирсухан», бахши «Номгӯйи адабиёт» бо зербахшҳои «Феҳристи сарчашмаҳои истифодашуда» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» ва инчунин бахши «Замимаҳо» иборат аст.

Ҳаҷми умумии диссертатсия аз 145 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори Microsoft Word ҳарфчиншуда иборат буда, 18 расму диаграмма ва 4 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 135 номгӯй мебошад.

Бо баробари муваффақиятҳо дар рисола нуқсонҳо низ ба назар мерасанд. Ба сифати эрод чанд нуқтаро таъкид кардан ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Агар маводи озмоиши микдори зиёди хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро фаро мегирифт, беҳтар буд.
2. Ҳам дар автореферат ва ҳам дар рисола баъзе хатоҳои услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ба арзиши илмӣ-назариявӣ ва амалии рисола таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулоса. Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти мазкур бо робитаҳои байниҳамдигарӣ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи педагогика ва тасдиқоти нуктаҳои илмии таҳқиқот, ки фарогири масъалаи муносибати босалоҳият дар таҳсилоти олӣ мебошанд, дар рушди методикаи таълими фанҳои математикӣ ва амалияи он саҳми босазо гузошта метавонанд. Тасдиқи асоснокии нуктаҳои калидии илмӣ ва хулосаҳои диссертасионӣ бар пояи методологияи тамоюли системавӣ, консепсияи илмии психологию педагогӣ, методҳои назариявӣ ва методӣ, инчунин таҳлили шарт ва натиҷаҳои озмоиши педагогӣ, тасдиқи фарзияи таҳқиқ-ҳамгироии методҳои комплексӣ, ки ба масъалаҳои ҳаряк зина таҳқиқ ҳамбастагӣ доранд, таҷрибаи муаллиф ба сифати омӯзгори мактаби олӣ ташкил медиҳанд.

Дар матни диссертатсия маводи муаллифони дигар ва ҳиссаи ҳаммуалифон танҳо тавассути истинодоварӣ истифода гардидааст. Дар диссертатсия ягон маълумоти сирри давлатидошта ё иттилооте, ки паҳнкунии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, мавриди истифода қарор нагирифтааст. Автореферат ва натиҷаҳои илмӣ бо эътимоди кофӣ муҳтавои таҳқиқоти гузаронидашуда ва дарунмояи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Моҳираи Раҳмон дар мавзӯи «Асосҳои методии таълимӣ элементҳои комбинаторика дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 –Назария ва методикаи таълиму тарбия (таҳсилоти

миёнаи умумӣ) (13.00.02.02 – Назария ва методикаи таълими фанҳои риёзӣ) (таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба ҳимоя пешниҳод шудааст, кори баитмомрасидаи мустақили илмӣ-таҳқиқотии тахассусӣ буда, тибқи меъёрҳои «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)» (Қарори Ҳукумати ҶТ, №505 аз 26.11.2016) омода гардида, ба тамоми талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва худи муаллиф сазовори дараҷаи илмии матлуб мебошад.

Тақриз аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар семинари илмии васеъи кафедраҳои методикаи таълим таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ ва математикаи олии Донишгоҳи давлатии Данғара аз “07” апрели соли 2023, протоколи № 9 омода гардида, дар семинари кафедра аз “06” апрели соли 2023 тасдиқ гардидааст.

Раиси семинар, муовини ректор оид ба илм ва татбиқот, номзади илмҳои ҳуқуқ, доктори илмҳои сиёсӣ — Қозиён Ш.Қ.

Экспертон:
и.в. мудири кафедраи методикаи таълим таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоӣ — Зарифов Н.М.

номзади илмҳои педагогӣ, и.в дотсенти мудири кафедраи педагогика ва психология — Ғафурова Д.Ҷ.

Муаллими калони кафедраи математикаи олӣ ва технологияҳои таҳсилотӣ — Пирова Ҷ.Ф.

Котиби семинар — Рустами А.

ҶМ

Маълумот барои тамос: 735320 Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳраки Данғара, кӯчаи Марказӣ Тел.+(992) 833122-28-06 Моб.8331222826. E-mail: dddangara2013@mail.ru;

Имзои ____________________________-ро тасдиқ менамоям:
Мудири шуъбаи кадрҳои ва корҳои махсус Ҷабборӣ Н.Ҷ.
07.04.2023

ШУЪБАИ КАДРҲО